# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи *Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* дар мавзуи «*Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди Резервати биосферии Ромит*» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география).

*1.* ***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба се банди шиносномаи тахассуси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мутобиқат менамояд:

1.10. Коркарди асосҳои илмии истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, хок, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин;

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо;

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**2.** ***Мубрами мавзуи таҳқиқ.*** "Резервати биосферии Ромит", ки дар доманакӯҳҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ҷойгир шудааст, яке аз муҳимтарин ҳудудҳои табиӣ ва муҳофизатшавандаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин мавзеъ экосистемаҳои нодири кӯҳӣ, ки дорои гуногунии баланди биологӣ ва иқтидори бузурги табиӣ, илмӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ҷойгир шудаанд. Дар шароити тағйирёбии суръатноки иқлим, фарсоиши замин ва афзоиши фишори антропогенӣ аҳамияти ҳифзи чунин ҳудудҳо, ба мисли дарраи «Ромит», чандин маротиба афзоиш меёбад. Дар ин ҳолат, рушди сайёҳии экологӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро он ҳадафҳои ҳифзи муҳити зистро бо рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ муттаҳид месозад.

Сайёҳии экологӣ, ки дар асоси принсипҳои муносибати эҳтиромона ба табиат асос ёфтааст, метавонад ба унвони як воситаи самараноки ҳифзи гуногунии биологӣ ва экосистемаҳо хизмат намояд. Ин навъи сайёҳӣ ба ташаккули фарҳанги экологии аҳолӣ ва меҳмонон мусоидат намуда, хавфи истифодаи ғайриқонунии захираҳои табииро пешгирӣ намуда, муносибати масъулиятнокро нисбат ба муҳити зист ташвиқ менамояд. Ин махсусан, барои ҳудудҳои табиии ҳассос, ба мисли «Резервати биосферии Ромит», муҳим аст, ки дар он намудҳои нодиру зери хатар монда, аз ҷумла паланги барфӣ, оҳуи бухороӣ, хирси ҳимолоӣ ва растаниҳои реликтӣ, ки ба Китоби Сурх шомиланд, зиндагӣ мекунанд.

Рушди экосайёҳӣ на танҳо метавонад ҳифзи захираҳои табиӣ ва экосистемаҳои кӯҳиро таъмин намояд, балки ба унвони як омили муҳимми рушди устувори мавзеъҳои наздик ба резерват хизмат мекунад. Ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, аз қабили меҳмонхонаҳои экологӣ, гушаҳои этнографӣ ва кемпингҳо — имкониятҳои навро барои шуғли аҳолӣ фароҳам меорад. Ҷалб ва омӯзиши аҳолии маҳаллӣ ба сифати роҳбалад, истеҳсолкунандагони армуғонҳо ва шахсоне, ки маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза истеҳсол мекунанд, модели иқтисодии устувореро ташаккул медиҳад, ки ба усули табиатдӯстона асос ёфтааст. Тадқиқотҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳанд, ки дуруст ба роҳ мондани идоракунӣ метавонад сатҳи зиндагиро дар минтақаҳои деҳот ба таври назаррас беҳтар намуда, барои занон ва ҷавонон шароити ҷойи кор фароҳам оварад.

Илова бар манфиатҳои иқтисодӣ, экосайёҳӣ дар шароити идоракунии самаранок метавонад фишори антропогениро ба мавзеъҳои табиӣ ба таври назаррас пешгирӣ намояд. Бо роҳандозии хатсайрҳои дуруст, бунёди инфрасохтор бо дарназардошти хусусиятҳои табиӣ, ҷорӣ намудани қоидаҳои боздид ва низоми мониторинг, метавон оқибатҳои манфии туризми оммавиро пешгирӣ кард ва захираҳои табииро барои наслҳои оянда ҳифз намуд. Ҳамзамон, ин раванд имкон медиҳад, ки модели муассири идоракунии ҳудудҳои муҳофизатшаванда бо иштироки аҳолии маҳаллӣ ва муассисаҳои илмӣ ташаккул дода шавад.

Сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит», на танҳо як самти афзалиятноки дохилӣ маҳсуб меёбад, балки ба ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мутобиқ мебошад. Он ба таври мустақим ба доираи барномаи ЮНЕСКО «Инсон ва биосфера» дохил мешавад. Инчунин, рушди экосайёҳӣ дар марзи «Резервати биосферии Ромит», имкониятҳоро барои ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва сайёҳӣ бо кишварҳои ҳамсоя — Ӯзбекистон ва Қирғизистон фароҳам меоварад.

***3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.*** Дар диссертатсия бори аввал тавсифи шароитҳои табиӣ-геоэкологӣ ва иқтидори захиравии «Резервати биосферии Ромит» таҳқиқ гардида, баҳодиҳӣ ба он ҳамчун сарчашмаи рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ нишон дода шудааст. Механизми баланд бардоштани самаранокии иқтидори захиравии резервати биосферӣ ва намунаи (модели) пурраю мусоиди рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ, барои ворид намудан ба ҳудуди *“Резервати биосферии Ромит”* коркард карда шудааст.

Мушкилоти асосии соҳа муайян гардида, афзалиятҳои рушди босуботи фаъолияти сайёҳии экологӣ бо назардошти хусусиятҳои хосашон асоснок карда шуданд.

*Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда чор бандро дар бар мегиранд:*

- Истифодабарии сайёҳии табиати ҳудуди *"Резервати биосферии Ромит"*, ба дараҷаи зарурӣ инкишоф наёфтааст. Барои таъмин намудани мувозинати ҳифзи табиат, иқтисодёт ва иҷтимоиёт, дар заминаи асоснокии нави илмӣ истифодабарии устувори табиат ва таъсири мултипликативӣ ба тамоми самтҳои ҷамъиятӣ ва системаи ҳифзи муҳити зист зарур мебошад;
- Механизми ташаккулёфта ва пешниҳодҳои феҳристи корҳои ба анҷомрасонидашуда, дурнамо ва афзалияти ташаккули фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар заминаи баҳогузорӣ намудани нерӯи захиравии ҳудудӣ, барои ҳалли мушкилоти ташкили фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *"Резервати биосферии Ромит"* асос шуда метавонанд;
- Модели комплексии таҳияшудаи рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ ҳамчун намунаи таъсирбахши идоракунии самараноки истифодабарии табиат дар фаъолияти сайёҳии экологӣ маҳсуб меёбад. Модели мазкур аз маҷмуи меъёрҳои фаъолияти иқтисодӣ, экологӣ-таълимӣ ва муайян сохтани вазифаҳои қисмҳои алоҳидаи он: нуфузи ташкилотӣ, идоракунӣ, табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ иборат буда, то ҳадди ақал кам намудани таъсири антропогенро ба комплексҳои табиӣ, муҳофизати гуногуннамудии биологӣ ва ландшафтҳо мусоидат менамояд;
- Бартараф намудани мушкилот дар самти пешбурди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *"Резервати биосферии Ромит"* ба воситаи ташкил намудани силсила-чорабиниҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва ташаккули пешбурди фаъолияти муосири сайёҳӣ- рекреасионӣ пешбинӣ мешавад.

Нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, муҳтаво, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

***4. Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.*** Саҳеҳият ва асоснокии натиҷаҳои ба дастомада дар ҷараёни тадқиқоти анҷомдодашуда тавассути маҷмуи омилҳои ба ҳам пайваста таъмин гардидааст, ки дар миёни онҳо истифодаи усулҳо ва технологияҳои муосири илмӣ нақши асосӣ дорад. Истифодаи усулҳои замонавӣ ва санҷидашудаи коркард ва тафсири маълумот ба диссертант имкон дод, ки дар сатҳи баланд ба таҳлили маводи тадқиқотӣ ноил гардад.

Илова бар ин, таҳлили ҳамаҷониба ва амиқи манбаъҳои эмпирикӣ ва назариявӣ аҳамияти калон доранд, ки он асоси боэътимод барои ташаккули

хулосаҳои илмӣ мебошад. Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми дигар ин истифодаи равиши системавӣ дар омӯзиши объекти тадқиқот мебошад, ки ба диссертант имконият дод, то объекти мавриди назарро на дар алоҳидагӣ, балки дар заминаи робитаҳо ва вобастагиҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин омилҳои таъсиррасон мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ингуна назари методологӣ ба муайянсозии қонуниятҳои асосӣ мусоидат намуда, ба таври муассир аҳамияти илмии натиҷаҳои бадастомада ва қаноатбахшии тавсияҳои пешниҳодшударо нишон медиҳад.

*5.* ***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.*** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима чаҳор боб ва хулосаҳои онҳо, хулосаи умумӣ, тавсияҳо рӯйхатти адатиёт таркиб ёфтааст. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шуданд.

Дар боби аввал «**Асоснокунии назариявӣ-методологии сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли устувори истифодабарии табиат»** тамоюлоти ҷаҳонӣ ва роҳҳои рушди сайёҳии экологӣ таҳлил гардида, дар он моҳияти сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли оқилонаи истифодабарии захираҳои табиат, роҳҳои геоэкологии омӯзиши фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар марзи ҲТММ муайян гардиданд.

Дар боби дуввум «**Хусусиятҳои геоэкологии таркибҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуди** ***Резервати биосферии Ромит»*** маълумоти мухтасар дар бораи резерват оварда шуда, тавсифи табиии минтақаҳои геосистемавӣ, шароитҳои геологӣ - геоморфологӣ, иқлимӣ, таркиби қабати хоки ҳудуди резерват, инчунин дигар, маълумотҳо оид ба олами наботот ва ҳайвоноти табиати мавзеъ гирд оварда шудааст.

Дар боби саввум «**Харитаи роҳбаладӣ барои рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди** ***Резервати биосферии Ромит»*** масъалаи омӯзиши вазъи соҳаи сайёҳии ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* таҳлил карда шуда, дар он ҷанбаҳои асосии фаъолияти сайёҳии экологӣ, механизми идоракунии устувори танзими раванди истифодабарии захираҳои сайёҳии экологӣ оварда шудааст. Ҳамзамон, моҳияти модели комплексии таҳиягардидаи рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ барои шароити резерват мусоид ҷорӣ ва асоснок карда шуда, нақши элементҳои алоҳидаи он, аз қабили: ташкилӣ, идоракунӣ, омилҳои табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва омилҳои таърихӣ-фарҳангӣ таҳлил карда шудааст.

Дар боби чаҳорум «**Дурнамои рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди** ***Резервати биосферии Ромит»*** самтҳои афзалиятноки фаъолияти сайёҳии экологӣ пешниҳод гардида, мушкилоти асосии соҳа нишон дода

шудааст. Инчунин, механизми таъсисёбӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, мехнизмҳои иттилоотии нави он ва самтҳои афзалиятноки сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *“Резервати биосферии Ромит”* пешниҳод карда шудааст.

Дар **хулосаи** кори диссертатсионӣ ҷамъбасти натиҷаҳои асосии рисола оварда шудааст.

Хулосаҳо, ки дар анҷоми ҳар як боб оварда шудаанд, хулосаҳои ниҳоии кори диссертатсионӣ, нуктаҳои калидии таҳқиқотро дар бар гирифта, онҳо муҳиммияти натиҷаҳои бадастомадаро инъикос менамоянд.

Дар бахши тавсияҳо бо мақсади таъмини тавозуни ҳифзи табиат, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт муносибати илман асоснок тавсия карда шудааст, ки дар он фаҳмиши нави идоракунии устувори экосайёҳӣ асос ёфта, он ба тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба системаи ҳифзи муҳити зист таъсири ҳаматарафаи мусбӣ мерасонад.

***6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия*** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи рушди сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Ваҳдат инчунин, дар ҷараёни таълим аз рӯйи ихтисосҳои самти табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар самтҳои аграрӣ, географӣ, экологӣ ва сайёҳӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти илмӣ-назариявии таҳқиқот дар ташаккули равиши нави илмӣ барои фаҳмиши нақши сайёҳаии экологӣ дар системаи истифодаи устувори табиӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои рисола имкон медиҳад, ки равандҳои ҳамкории байни фаъолияти сайёҳӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ ва тарзи анъанавии фаъолияти аҳолии маҳаллӣ амиқтар дарк карда шаванд. Таҳқиқот робитаи байни ҳифзи гуногуншаклии ҳаёт, рушди устувори ҳудудҳо ва рушди иқтидори рекреатсиониро ошкор менамояд, ки ба рушди самтҳои илмии географияи сайёҳӣ, экологӣ, рушди минтақавӣ ва истифодаи табиӣ саҳм мегузорад. Равиши мукаммале, ки дар таҳқиқот истифода шудааст, ба назар гирифтани ҳам омилҳои беруна ва ҳам дохилии фаъолияти сайёҳии экологиро дар ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда (ҲММ) таъмин мекунад.

Натиҷаҳои рисола метавонанд дар фаъолияти амалии мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҳифзи муҳити зист, агентии сайёҳӣ ва муассисаҳои таълимӣ татбиқ гардад.

*7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзӯи диссертатсия.* Мазмуни асосии илмӣ, хулосаҳои калидӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни фаъолияти илмию тадқиқотӣ таҳия шудаанд, дар 15 мақолаи илмии нашршуда ҳамаҷониба инъикос ёфтаанд. Аз ин шумора, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, ба табъ расидаанд. Нашри ин мақолаҳо дар чунин маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ далели сатҳи баланди аҳамияти илмӣ ва навоварии таҳқиқоти гузаронидашуда мебошад.

*8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.* Автореферати рисолаи диссертатсионӣ дар маҷмӯъ тамоми мундариҷа ва муқаррароти асосии кори рисоларо инъикос мекунад. Хулоса бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз ҷиҳати мазмун якхела аст. Автореферат, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаат, ҷавобгӯ мебошад.

Мехостам қайд намоям, ки дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудию норасоиҳо ба чашм мерасанд.

1. Сабаби ба ҷойи мамнуъгоҳи Ромит, ки дар ҳама адабиётҳои илмии тоҷикӣ дида мешавад, резерват чӣ маънӣ дорад? Агар ин тавр бошад, пас бояд муаллиф дар муқаддима фикри худро шарҳ медод.
2. Дар диссертатсия харита ва ҷалвалҳои зиёд истифода шудааст, вале ба ягонтои онҳо иқтибос оварда нашудааст, ки ин амали муаллиф аст ва ё каси дигар.
3. Харитаҳои овардашуда хело хира буда, хонданашон мушкил аст, хуб мешуд, онҳо (харитаҳо) ба шакли ранга пешниҳод мешуданд.
4. Дар рисолаи диссертатсионӣ оид ба инфрасохтори сайёҳии мавзеи *«Резервати биосферии Ромит»* маълумот ниҳоят кам оварда шудааст, дар баробари ин рушди самараноки фаъолияти сайёҳӣ бе мавҷудияти инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳал номумкин аст.
5. Дар рисола маълумот дар бораи ҷойҳои зимистонгузаронии объектҳои барои сайёҳон муҳим вуҷуд надорад, ки маҳз барои дидорбинии онҳо ҳар сол сайёҳони зиёд ба ин ҷо ташриф меоянд.
6. Аз тарафи муаллиф ба таври кофӣ дастовардҳои илмии олимони тоҷик оид ба экосайёҳӣ истифода нашудааст.
7. Дар руйхати адабиёт асарҳои олимоне, ки дар Тоҷикистон ба ин соҳа тадқиқот бурдаанд (Исмоилов И., Сапожников Н., Станкович ва ғайра) инчунин

китоби “Таджикистан” природа и природние ресурси, “Дониш”, 1982 умуман нишон дода нашудаанд.

8. Дар диссертатсия хатогиҳои граматикӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба нафъи кор хоҳад буд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти ҷузъӣ дошта, эътибори илмии кори диссертатсиониро коҳиш дода наметавонанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи пешниҳодгардидаи *Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* дар мавзӯи «*Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди Резервати биосфернии Ромит*», дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
Доктори илмҳои география, профессори
кафедраи туризм ва методикаи таълими
географияи факултети географияи ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ **Муҳаббатов Х.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе,
хиёбони Нусратулло Махсум, 89/2, ҳ.17
Тел (+992) 918579737
E-mail: region_en@rambler.ru

Имзои Муҳаббатов Х.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ **Мустафозода А.**

**Суроға:** 734003 индекс, Ҷумхурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj

“01” 08 2025